Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Сурога: 734064, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14)

ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ҳикматов Умедҷон Сафаралиевич ба диссертатсияи Исоев Аслиддин Шамсудинович дар мавзуи «Такмили усулҳои танзим ва идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.

1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.

Дар асоси таҳлили амиқ ва баррасии муҳтавои диссертатсияи Исоев Аслиддин Шамсудинович дар мавзуи «Такмили усулҳои танзим ва идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд» мо ба хулосае омадем, ки мазмуну мундариҷаи он ба талаботи бандҳои 10.1; 10.12; 10.13; 10.16-и Шиносномаи номгӯйи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мутобиқат менамояд.

2. Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Марҳилаи муосири трансформатсияи низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо динамикаи баланд ва осебпазирӣ нисбат ба таконҳои берунаи иқтисодӣ тавсиф меёбад. Ниҳодҳои маблағгузории хурд, ки ҳамчун воситаи муҳимтарини дастгирии соҳибкории хурд ва коҳиши сатҳи камбизоатӣ дар минтақаҳои деҳот хизмат мекунад, бо маҷмуи хавфҳои ба ҳам алоқаманди қарзӣ, асъорӣ, фоизӣ ва амалиётӣ рӯбарӯ мешаванд.

Мубрамии мавзуи интихобнамудаи А. Ш. Исоев аз зарурати возеҳ барои муосиргардонии механизмҳои суннатии хавфҳо дар шароити маҳдудияти бозори миллии воситаҳои молиявии ҳосилагӣ, ҳиссаи назарраси муомилоти пули нақд ва хусусияти сохтори даромади аҳолӣ бармеояд. Довталаби дараҷаи илмӣ сари вақт ба ҳалли вазифаи таъсиси низоми мутобиқаткунандаи риск-менеҷмент, ки талаботи танзимкунандаи Бонки миллии Тоҷикистон ва эҳтиёҷоти амалии институтҳои маблағгузории хурдро бо ҳам пайванд месозад, таваҷҷуҳ зоҳир намудааст.

Аз ҷониби дигар, равандҳои муосири рақамикунонии хизматрасониҳои молиявӣ ва татбиқи фаъоли технологияҳои молиявӣ (FinTech) дар фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд дар канори афзалиятҳои бешумор, заминаро барои пайдоиши намудҳои нави хавфҳо, аз қабили хавфҳои кибернетикӣ,

Сканировано с CamScanner

амалиётӣ ва ахборӣ фароҳам меоранд. Дар шароити маҳдудияти захираҳои молиявию технологии аксарияти ТМХ-ҳои кишвар, набудани модели мукаммали баҳодиҳӣ ва ошкорсозии барвақти чунин хавфҳо метавонад ба устувории молиявии онҳо таҳдиди ҷиддӣ ворид созад. Ба ғайр аз ин, вобастагии баланди бахши калони мизоҷони ТМХ аз таконҳои мавсимӣ ва омилҳои макроиқтисодӣ зарурати таҳияи усулҳои банизомдаровардашудаи стресс-тесткунӣ ва моделсозӣ дар сатҳи ин институтҳоро дучанд мегардонад.

Ҳамин тариқ, зарурати объективии мутобиқсозии низоми риск-менеҷменти ташкилотҳои маблағгузории хурд ба талаботҳои муосири пруденсиалии Бонки миллии Тоҷикистон ва стандартҳои байналмилалӣ, инчунин набудани усулҳои коркардшудаи мукаммали илмию методологӣ дар ин самт, саривақтӣ будани мавзуи таҳқиқотро муайян мекунанд.

Ҳалли ин масъалаҳо на танҳо ба беҳтар гардидани сифати портфели қарзии ТМХ ва коҳиши сатҳи хавфҳои молиявӣ мусоидат менамояд, балки ҳамчун омили калидии таъмини устувории низоми молиявию бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва афзоиши фарогирии молиявии аҳолӣ хизмат хоҳад кард.

3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд

Навгонии илмии кори тақризшаванда аз коркарди назариявию методологӣ ва амалӣ намудани пешниҳодҳо оид ба такмили механизмҳои танзим ва идоракунии хавфҳо дар фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити кунунии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат буда, бо натиҷаҳои зерин ифода меёбад:

1. Барои аввалин бор таърифи муаллифии «хавфҳо дар ТМХ» бо назардошти омилҳои эндогенӣ ва экзогенӣ, динамика ва номуайянӣ пешниҳод гардида, таснифоти хавфҳо (қарзӣ, амалиётӣ, бозорӣ ва стратегӣ) ва унсурҳои низоми идоракунии онҳо шарҳи илмӣ ёфта, бо ҳамин аппарати мафҳумиву таснифотӣ дар ин самт такмил дода шудааст.

2. Дар натиҷаи таҳлили комплексӣ ва эконометрии фаъолияти ТМХ, нишондиҳандаҳои асосии фаъолият, ҳаҷми бақияи қарзҳо, тақсимоти бахшӣ, хавфи муфлисшавӣ ва сохтори сандуқи қарзӣ дар пайвандӣ бо сохтори низоми муқовимат бо хавфҳо ба таври ҳамаҷониба асоснок ва ташхис карда шудаанд.

3. Истифодаи деривативҳо ва усулҳои неттингу мэтчинг тавассути баррасии самаранокии хеҷиронии хавфҳои асъорӣ ва мувофиқи мақсад будани истифодаи усулҳои мэтчинг ва неттинг барои сохтори экспозитсияи асъории ТМХ асоснок карда шудааст.

4. Механизми бисёрсамтаи суғурта ва безараргардонии хавфҳо коркард шудааст. Модели мукаммали пешгирии хавфҳо тавассути суғуртаи киберӣ, суғуртаи кортҳо ва хавфҳои асъорӣ, дар якҷоягӣ бо усулҳои худсуғуртакунӣ, диверсификатсия, тақсимоти хавф ва таъсиси фондҳои махсусгардонидашуда таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Ҷанбаҳои асосии навгонии илмӣ дар унсурҳое дарҷ гардидааст, ки ҳамчун муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда пешниҳод гардидаанд:

Сканировано с CamScanner

1. Муаллиф исбот кардааст, ки хавфҳои ТМХ хислати динамикӣ дошта, аз таносуби омилҳои дохилӣ (норасоии кадрӣ, рақамисозӣ) ва берунӣ (таконҳои макроиқтисодӣ, интиқоли пулӣ, тағйироти мавсимӣ) вобастаанд ва такмили методологияи онҳо баинобатгирии хусусиятҳои ҷуғрофӣ, меъёрӣ ва менталитети аҳолиро талаб мекунад.

2. Ошкор гардидааст, ки низоми амалкунандаи RISK-менеҷмент дар ТМХ-ҳои хурду миёна рушднакарда буда, сатҳи пасти тахассус, набудани нармафзори махсус гардонидашуда ва норасоии маълумот монеаҳои асосии таҳлили сифатии хавфҳо мебошанд.

3. Маълум карда шудааст, ки истифодаи деривативҳо ва неттинг дар ТМХ-ҳои хурд аз сабаби пурра нақдӣ будани муомилот маҳдуд буда, аммо барои ТМХ-ҳои калон самарабахш мебошад. Ҳамзамон, ошкор карда шудааст, ки суғуртаи хавфҳо аз сабаби боварии пасти аҳолӣ ба ширкатҳои суғуртавӣ коҳиш ёфтааст.

4. Муаллиф механизми ташкилӣ-иқтисодии «афзорҳои сегона»-ро таҳия ва пешниҳод кардааст. Модели ҳамгирошудаи устувории молиявӣ дар заминаи се омил, яъне интиқоли хавфҳо тавассути суғурта, безараргардонии омехта ва фишорсанҷиши (стресс-тест)-и сенариявӣ, барои бартараф намудани тазоди байни фарогирии молиявӣ ва талаботи қатъии БМТ пешниҳод гардидааст.

4. **Асосноки ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.**

Асосноки ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта бо истифодаи мунтазами заминаи бойи назариявию методологӣ, асарҳои фарҳангии омилони дохиливу хориҷӣ дар соҳаи назарияи молия, бонкдорӣ, идоракунии хавфҳо ва маблағгузории хурд таъмин мегардад. Кор ба қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумат, аз ҷумла «Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026» ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон такя мекунад.

Эътимоднокии таҳқиқот тавассути пойдевори пурраи оморӣ маълумотҳои расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои солона ва бюллетенҳои омории Бонки миллии Тоҷикистон, маълумотномаҳои молиявии ТМХ-ҳои кишвар ва гузоришҳои созмонҳои молиявии байналмилалӣ замони солҳои 2016-2024 тасдиқ карда мешавад.

Дар кор корбурд ва татбиқи усулҳои муосири таҳқиқот, аз қабили таҳлили низомӣ ва сохторӣ-функсионалӣ, муқоисавии иқтисодӣ, таҳлили коррелятсионӣ-регрессионӣ, моделсозӣ ва стресс-тесткунии сенариявӣ (усули Монте-Карло ва Delphi) таъмин гардидааст. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот тавассути чоп гардидан дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмии тавсиякардаи КОА, баромаду маърӯзаҳо дар конфронсҳои илмию амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, инчунин татбиқи баъзе тавсияҳо дар фаъолияти амалии ташкилотҳои маблағгузории хурд ва раванди тадриси донишгоҳҳо амалан тасвиб шудаанд.

5. Ҳаҷм ва сохтори кор

Сканировано с CamScanner

Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб (ки нӯҳ параграфро дар бар мегиранд), хулоса, тавсияҳои амалӣ ва рӯйхати адабиёт (165 номгӯй) иборат аст. Ҳаҷми кор (197 саҳифа) дорои 22 ҷадвал, 16 расм ва 11 диаграмма мебошад, ки аёнияти муфассал ва сатҳи баланди сохторбандии маводро тасдиқ мекунад.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия асосноккунии илмии мубрамияти мавзуъ, мақсаду вазифаҳо, объект ва предмет, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои ҳимояшаванда ва эътимоднокии хулосаҳо оид ба такмили танзим ва идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон дода шудаанд.

Дар боби якум «Асосҳои назариявию методологии танзим ва идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд» ҷанбаҳои назариявии идоракунии хавфҳои иқтисодӣ дар ташкилотҳои мазкур, методологияи идоракунии хавфҳо ва методологияи таҳлил ва арзёбии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст (С.14-76).

Боби мазкур ба баррасии назариявӣ ва методологии танзим ва идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд бахшида шуда, нақши калидии ин институтҳоро дар низоми молиявии кишвар ва рушди соҳибкории хурду миёна таъкид менамояд. Дар диссертатсия қайд мегардад, ки низоми иқтисоди миллӣ аз низому зернизомҳои сершумор, аз ҷумла низоми молиявӣ иборат буда, ТМХ дар он ҷойгоҳи махсусро ишғол менамоянд. Фаъолияти ҳамаи субъектҳои иқтисодӣ ва бахусус ТМХ аз назари хавфпазирӣ арзёбӣ карда мешавад, зеро онҳо дар раванди фаъолияти худ хоҳу нохоҳ ба маҷмӯи гуногуни хавфҳо рӯбарӯ мегарданд. Олимони ватанӣ, аз ҷумла Шариф Раҳимзода ва дигарон, идоракунии хавфҳоро дар як занҷираи пайвастаи фард-хонавода-ташкилоти қарзӣ-низоми бонкӣ-низоми молиявӣ тасаввур мекунанд ва ТМХ-ро ҳамчун зинаи муҳимме медонанд, ки ба мудирияти хавфҳо ниёзи шадид дорад. Раванди идоракунии хавфҳои иқтисодӣ дар ТМХ, ки дар адабиёт бо номи «риск-менеҷмент» маъруф аст, бояд ҳамчун як силсилаи ягона, мунтазам ва пайваста баррасӣ шавад ва он аз муайянкуниву тавсифи таҳдидҳо оғоз ёфта, ба арзёбии дақиқ, моделсозӣ ва мониторингу коҳишдиҳии таъсири онҳо хатм мегардад.

Мафҳуми хавф дар кор ҳамчун ҳолати номуайяние шарҳ дода мешавад, ки бо се шарти ҳамзамон - мавҷудияти номуайянӣ, зарурати интихоби алтернатива ва имконияти арзёбии эҳтимолияти татбиқи алтернативаҳо ҳамроҳ сурат гирад. Ҳолати хавф аз ҳолати номуайянии соф сифатан фарқ мекунад ва дар заминаи иқтисодӣ хавф ҳодисаи эҳтимолие мебошад, ки фарорасии он метавонад ба натиҷаҳои мусбат, манфӣ ё сифрӣ оварда расонад. Дар таҳқиқот афкори мактабҳои иқтисодии кейнсгарой, монетаристӣ, классикӣ ва неоклассикӣ (Найт, Маршалл, Пигу) оид ба табиати хавф ва фоидаи мунтазами тазминшуда мавриди таҳлил қарор гирифта, қайд мешавад, ки дар давраи Шуравӣ масъалаи хавф бо сабабҳои объективӣ ва бартарии соҳибкории давлатӣ камтар омӯхта шуда буд, аммо дар шароити муосири бозор таваҷҷӯҳ ба он афзудааст. Муаллиф таърифи такмилёфтаи худро

Сканировано с CamScanner

пешниҳод менамояд, ки мувофиқи он хавф дар ТМХ омилҳои эндогенӣ ва экзогенӣ мебошанд, ки бо хусусияти динамикӣ ва номуайянӣ тавсиф ёфта, метавонанд ба вазъи молиявӣ, самаранокии амалиётҳо ва нуфузу эътибори ташкилот таъсири манфӣ расонанд.

Барои ташаккули низоми мукаммали риск-менеҷмент унсурҳои асосии он - объект, субъект ва раванди идоракунии хавфҳо муайян карда шуда, сохтани «харитаи хавфҳо» барои ҳар як ТМХ зарур шумурда мешавад. Таснифоти Комитети Базелӣ оид ба назорати бонкӣ ва ҳуҷҷатҳои соҳавӣ се намуди асосии хавфро - қарзӣ, амалиётӣ ва бозориро пешниҳод мекунанд, ки дар ин миён хавфи қарзӣ ҳамчун меъёри калидии арзёбӣ баромад мекунад ва аз номувофиқии ҷадвали пардохт ба гардиши пули қарзгирандагон ва тағйироти мавсимӣ маншаъ мегирад.

Хавфи амалиётӣ дар ТМХ бештар ба омилҳои технологӣ ва инсонӣ (хавфи равандӣ) мутамарказ шудааст, ки соддакунонии амалиётҳо ва набудани регламентҳои тасдиқшуда назорати дохилиро заиф месозад. Хавфҳои бозорӣ хатарҳои асъорӣ, фоизӣ ва тағйирёбии қурби коғазҳои қиматнокро фаро гирифта, идоракунии дурусти дороиҳо ва уҳдадориҳоро тақозо менамоянд. Раванди идоракунии хавфҳо мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ 9 марҳиларо (аз санҷиш ва таҳлил то назорату таҳлили самаранокӣ) ба таври даврӣ дар бар мегирад.

Методологияи таҳлил ва арзёбии хавфҳо ба усулҳои сифатӣ, миқдорӣ ва омехта таҷзия карда мешавад. Усулҳои сифатӣ ба чор зергурӯҳ (таҳлили иттилооти мавҷуда, ҷамъоварии иттилооти нав, моделсозӣ ва эвристикӣ) ҷудо гардида, ба ошкорсозии сабабҳо нигаронида шудаанд. Дар байни усулҳои миқдорӣ ва аналитикӣ усули тахфиф (дисконткунонии меъёри базавӣ бо назардошти коэффитсиенти бета ва мукофоти хавф), усулҳои эҳтимолию оморӣ (коэффитсиенти вариатсия ва таснифи сатҳи хавф аз паст то фалокатовар), моделсозии тақлидӣ (модели таърихӣ ва Монте-Карло), консепсияи мантиқи ғайришаффоф (Fuzzy Logic) ва усули арзёбии коршиносии Delphi мавриди таҳлили амиқи илмӣ ва математикӣ қарор гирифтаанд.

Дар боби дуюм «Вазъи муосири рушд ва таҷрибаи идоракунии хавфҳои иқтисодӣ дар ташкилотҳои маблағгузории хурди ҷумҳурӣ» таҳлили муфассали ҳолати муосири бозори молиягузории хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2024 дода шуда, динамикаи портфелҳои кредитӣ, сатҳи қарзҳои мушкилотдор ва таҷрибаи истифодаи ҳеҷкунӣ таҳқиқ мегардад (77-137).

Боби мазкур ба таҳлили амиқи вазъи муосири танзим, идоракунии хавфҳои қарзӣ ва асъорӣ, инчунин арзёбии самаранокии механизми хеҷиронӣ дар ташкилотҳои маблағгузории хурди (ТМХ) Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2016-2024 бахшида шудааст. Муаллиф дуруст қайд кардааст, ки дар кишвар заминаи кофии меъёриву ҳуқуқӣ ба вуҷуд оварда шудааст, ки танзимгари асосии он Бонки миллии Тоҷикистон (БМТ) буда, фаъолияти ТМХ тавассути Қонуни ҶТ «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд», Қонуни

Сканировано с CamScanner

ҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ» ва Дастурамалҳои БМТ №176, №197, №198 ва №247 танзим карда мешавад.

Таҳлили нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва индикаторҳои асосии ТМХ нишон медиҳад, ки дар давоми 9 сол маҷмуи дороиҳои ТМХ 2,6 маротиба, дороиҳои пардохтпазир 2,4 маротиба, сармоя 2,11 маротиба, қарзҳо 2,8 маротиба ва пасандозҳо 4,9 маротиба зиёд шудаанд, аммо сармоягузории ТМХ 96,0 фоиз нисбат ба соли 2016 коҳиш ёфтааст. Шумораи ТМХ аз сабаби афзоиши хавфҳо ва муфлисшавӣ 39 адад кам шуда, айни ҳол 13 ТМХ дар раванди барҳамдиҳии маҷбурӣ бо асосҳои муфлисшавӣ, 6 ТМХ бе асосҳои муфлисшавӣ ва 14 ТМХ дар раванди барҳамдиҳии ихтиёрӣ қарор доранд.

Таҳлили идоракунии хавфҳои қарзӣ нишон дод, ки теъдоди қарзгирандагон дар соли 2024 ба 815 ҳазору 345 нафар расидааст (3 маротиба афзоиш нисбат ба соли 2016), ки беш аз 90%-и онҳо муштариёни ташкилотҳои амонатии қарзии хурд (ТАҚҲ) мебошанд. Ҳаҷми бақияи қарзҳои хурд 3,9 маротиба афзуда, соҳаи қарздиҳии истеъмолӣ муҳаррики асосии афзоиш гардидааст (20 маротиба ҷаҳиш), ки дар баробари қонеъ кардани талаботи аҳолӣ, хавфҳои баланди қарзиро ба миён меорад. Қарздиҳӣ ба соҳаҳои сохтмон (7,8 мар.), нақлиёт (8,8 мар.), савдои хориҷӣ (6,8 мар.) ва кишоварзӣ (5 мар.) аз афзоиши назаррас шаҳодат медиҳад, аммо пешниҳоди қарз ба соҳаи саноат суръати пасттар дорад, ки аз номутаносибии сохторӣ мужда медиҳад. Сифати сандуқи қарзии ТАҚҲ нишон медиҳад, ки ҳаҷми сандуқи қарзӣ 2,9 маротиба ва қарзҳои қолабӣ 3,3 баробар афзоиш ёфта, қарзҳои беэътимод (70,8%) ва шубҳанок (65,1%) коҳиш ёфтаанд, аммо қарзҳои зери назоратӣ 2,3 маротиба зиёд шуда, ба 176,3 млн сомонӣ расидаанд.

Дар ин замина, вобаста ба механизми пешгирии хавфҳои амалиётӣ ва зарурати фарогирии суғуртавӣ муаллиф дуруст қайд кардааст, ки «...Бозори суғурта аз он нуқтаи назар барои субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад, ки дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти бозорӣ чунин шароит аз ҳар як субъекти фаъолияти хоҷагидорӣ мустақилона нигоҳ доштани саломатӣ, ҳаёт ва моликиятро талаб менамояд».

Муаллиф инчунин оид ба хусусияти хавфи амалиётии тиҷорати хурд дуруст таъкид мекунад, ки «...мисли ташкилотҳои бонкӣ, тиҷорати маблағгузории хурд низ дорои хавфи амалиётӣ мебошад... Дар айни замон, хавфи амалиётӣ барои ташкилотҳои маблағгузории хурд ба хавфи технологӣ ва инсонӣ мутамарказ шудааст». Дар робита ба талаботи иловагии бонкҳо барои коҳиш додани хавфҳои қарзӣ муаллиф дуруст қайд менамояд, ки «...Барои кам кардани хавфҳои қарзӣ бонкҳо новобаста аз сатҳи қобилияти қарзадокунӣ ба қарзгирандагон талаботи иловагӣ мегузоранд. Аксарияти қарзҳо таҳти навъҳои гуногуни таъминот дода мешаванд».

Дар бахши идоракунии хавфҳои асъорӣ омилҳои асосии пайдоиши хавф - ҷалби маблағҳои хориҷӣ бо асъори сахт ва додани қарзҳо бо сомонӣ муайян карда шудааст. Афзорҳои асосии хеҷиронӣ (форвардҳо, фючерсҳо, опсионҳо, свопҳо ва хеҷирониии табиӣ) гурӯҳбандӣ гардида, баррасӣ шуд, ки истифодаи деривативҳо дар Тоҷикистон аз сабаби рушди нокифояи бозори молиявӣ ва ҳиссаи баланди муомилоти нақдӣ маҳдуд аст. Таҳлилҳо нишон доданд, ки

Сканировано с CamScanner

ҷалби қарзҳо бо асъори хориҷӣ аз 442 млн сомонии соли 2016 то 103,4 млн сомонӣ дар соли 2024 ва амонатҳои дархостшаванда бо асъори хориҷӣ то 29,9 млн сомонӣ коҳиш ёфтаанд.

Барои танзими ин раванд унвончӯ пешниҳод намудааст, ки ТМХ мавқеи пӯшидаи асъориро нигоҳ доранд ва ангезаву марҳалаҳои муосири идоракунии мавқеи асъориро ҷорӣ намоянд. Таҳқиқи бозори суғурта нишон дод, ки сармояи оинномавии ширкатҳои суғуртавӣ 5,5 маротиба афзуда, ҳаҷми хавфҳои ба зимма гирифташуда ба 153,2 млрд сомонӣ расидааст, аммо алоқамандии ТМХ бо ширкатҳои суғурта аз сабаби сатҳи пасти пардохтпазирии аҳолӣ ва боварии нокифоя ҳанӯз дар сатҳи зарурӣ қарор надорад.

Дар боби сеюм «Роҳҳои такмилдиҳии механизми идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон» самтҳои асосии такмили механизмҳои кам кардани хавфҳои молиявӣ ва ғайримолиявӣ, аз ҷумла моделсозии сценарияҳои рушди ТМХ ва рушди институти суғурта нишон дода шудаанд (138-190).

Боби сеюми таҳқиқот ба арзёбии суғурта ҳамчун механизми самараноки идоракунии хавфҳо, такмили усулҳои безараргардонии хавфҳои молиявию ғайримолиявӣ ва ояндабинию сенариясозии идоракунии хавфҳо бо истифода аз моделҳои иқтисодию математикӣ дар ташкилотҳои маблағгузории хурд (ТМХ) бахшида шудааст. Дар аввал, муаллиф ба суғурта ҳамчун воситаи коҳиши хавфҳо ва ҷалби боварии муштариён диққат дода, дар робита ба моҳияти он дуруст қайд мекунад, ки «...суғурта механизми иқтисодиест, ки тавассути он шахсони алоҳида ва муассисаҳо метавонанд хавфи холиси худро ба дигар субъект ҳавола намояд».

Дар заминаи тағйирёбии қурби асъор, ки дар соли 2024 қурби расмии доллари ИМА нисбат ба сомонӣ 0,33 фоиз коҳиш ёфта, нисбат ба асъорҳои дигар калавишҳои баланд дошт, ҷорӣ намудани суғуртаи хавфҳои асъорӣ ва тақвияти ҳамкориҳои ТМХ бо ширкатҳои суғуртавӣ (дар ду шакл: контрагентӣ ва ҳамгироии шарикӣ) муҳим арзёбӣ мегардад. Инчунин, истифодаи суғуртаи муҷтамаи хавфҳои бонкӣ (Bankers Blanket Bond - BBB), суғурта аз ҷиноятҳои киберӣ ва суғуртаи кортҳои бонкиро, ки теъдоди онҳо дар соли 2024 ба 8,4 млн адад расидааст, ҳамчун афзорҳои муассири ҳифз аз хавфҳои амалиётӣ тавсия менамояд.

Барои безараргардонии хавфҳои молиявӣ (қарзӣ, фоизӣ, асъорӣ, пардохтпазирӣ) ва ғайримолиявӣ (амалиётӣ, стратегӣ, ҳуқуқӣ, обрӯ) пайвастагии механизмҳои дохилӣ (пешгирӣ аз хатар, лимитикунонӣ, диверсификатсия ва худсуғуртакунӣ) ва берунӣ (интиқоли хавфҳо, хеҷиронӣ ва суғуртаи беруна) лозим шумурда мешавад. Муаллиф истифодаи консепсияи арзиши зери хатар (VaR) ва гузариш ба идоракунии ҳамгирошудаи хавфҳоро пешниҳод менамояд. Барои татбиқи фишорсанҷӣ (стресс-тест) низоми сенариясозии дусатҳа (макросенарияҳои БМТ ва микросенарияҳои вижаи ТМХ, аз ҷумла таконҳои иқлимӣ ва ноустувории даромади муҳоҷирон) тарҳрезӣ шудааст.

Сканировано с CamScanner

молиявиро коҳиш дода, устувории сандуқи қарзиро таъмин созанд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд аз ҷониби БМТ ҳангоми такмили санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва меъёрҳои пруденсиалӣ, инчунин дар раванди тадриси донишгоҳҳо ҳангоми хондани лексияҳо аз фанҳои «Кори бонкӣ», «Идоракунии хавфҳо» ва «Бозори молиявӣ» истифода шаванд.

Аҳаммияти иқтисодии диссертатсия дар таъмини устувории молиявии ТМХ, пешгирии муфлисшавии онҳо ва беҳтар кардани сифати сандуқи қарзӣ тавассути коҳиш додани ҳаҷми қарзҳои беэътимоду шубҳанок зоҳир мегардад. Татбиқи механизмҳои безараргардонии омехта ва диверсификатсияи манбаъҳои сармоягузорӣ пардохтпазирии ТМХ-ро боло бурда, хавфҳои асъориву фоизиро маҳдуд мекунад. Ин раванд ба фаъол гардидани афзоиши сандуқи қарзии ТМХ мусоидат намуда, ҷозибанокии сармоягузории бахши молиявии кишварро афзун мегардонад.

Аҳаммияти иҷтимоии таҳқиқот аз нақши бевоситаи ТМХ дар дастрасии бештари аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ ва афзоиши фарогирии молиявӣ бармеояд. Коҳиши хавфҳо ва баланд гардидани устувории ТМХ имкон медиҳад, ки дастрасии соҳибкорони хурду миёна ва аҳолии деҳот ба қарзҳои хурди имтиёзнок ва дарозмуҳлат беҳтар шавад. Ин ҳолат ба дастгирии соҳибкории хусусӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, коҳиши сатҳи камбизоатӣ ва муҳофизати маблағҳои пасандоздорони хурд тавассути низоми суғуртакунонӣ ва эътимоднокӣ мусоидат менамояд.

7. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот 12 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми умумии 4,5 ҷузъи чопӣ ба нашр расидааст. Аз он ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (КОА) тавсиягардида ба чоп расидаанд, ки ба талаботи муқарраргардида нисбат ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ҷавобгӯ мебошанд.

8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи муқарраргардида. Сохтор ва барасмиятдарории кори диссертатсионӣ ба талаботи Дастурамал оид ба барасмиятдарории диссертатсия, автореферат ва маводҳои марбутаи илмӣ (Замимаи 2 ба фармоиши раиси КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493) комилан мувофиқат мекунад. Муқаддима ва бобҳои таҳқиқот фарогири сатҳи баланди илмӣ, робита бо барномаву лоиҳаҳои давлатӣ, мақсаду вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқот, фарзияи илмӣ, заминаҳои назариявию методологӣ, манбаъҳои ахборӣ ва пойгоҳи таҳқиқотиро дохил намуда, навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои калидии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро пурра инъикос менамоянд. Ҳамзамон, ҳамаи меъёрҳои техникии барасмиятдарории диссертатсия, аз ҷумла ҳаҷми кор, тартиби ороиши ҷадвалу расмҳо ва низоми пайдарпайии феҳристи адабиёт мутобиқи стандартҳои муқарраргардида дақиқ риоя шудаанд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, пурра ба маълумоти дохилии диссертатсия пурра мутобиқ ва ба талаботи барасмиятдарорӣ ҷавобгӯй мебошад.

Сканировано с CamScanner

Мулоҳизаҳо ва нуктаҳои мунозиравӣ. Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар диссертатсияи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар бахши таҳлилӣ афзоиши назарраси қарздиҳии хурди истеъмолӣ (дар давраи таҳқиқшуда 20 баробар) қайд карда мешавад. Шоиста мешуд, ки бори қарзии аҳолӣ ва хавфҳои системавие, ки ҳангоми чунин афзалият додан ба зарари бахшҳои истеҳсолӣ, яъне саноат, кишоварзӣ ба миён меоянд, муфассалтар тавсиф карда шаванд.

2. Муаллиф иқтидори баланди мантиқи ғайришаффоф (Fuzzy Logic) ва усулҳои симулятсияро (Монте-Карло) барои ТМХ асоснок мекунад, аммо дар тавсияҳои амалӣ масъалаи омодагии молиявӣ ва техникии ТМХ-ҳо барои татбиқи чунин комплексҳои мураккаби барномавӣ ва ҳисоббарорӣ ба қадри кофӣ равшан карда нашудааст.

3. Бахше, ки ба суғуртаи хавфҳои ТМХ бахшида шудааст, дар сурати ҳисоби муфассали самаранокии иқтисодии ҳамкории ТМХ бо ширкатҳои суғурта бо назардошти сатҳи кунунии боварии аҳолӣ ба институти суғурта боз ҳам беҳтар мегардид.

Мулоҳизаҳои зикршуда хусусияти илмӣ-машваратӣ ва тавсиявӣ дошта, арзиши умумии баланди илмии таҳқиқоти иҷрошударо коҳиш намедиҳанд.

Хулоса, диссертатсияи Исоев Аслиддин Шамсудинович дар мавзуи **«Такмили усулҳои танзим ва идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд»,** ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дар сатҳи баланди илмӣ иҷро гардида, кори мустақилона иҷрошуда ва анҷомёфтаи илмӣ-ихтисосӣ мебошад, ки дорои ҳалли вазифаи муҳимми илмии аҳаммияти ҷиддидошта барои иқтисодиёт ва бахши молиявии кишвар мебошад. Кор ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2026, №591 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он, Исоев Аслиддин Шамсудинович, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуд сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ:
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессори кафедраи кори бонкии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Ҳикматов У.С.**

Имзои «У.С. Ҳикматов»-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Э.Ш. Шодихонзода

Суроғаи донишгоҳ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
Тел./факс: (+992 37) 227-15-10; 227-23-96. E-mail: info@tnu.tj www.tnu.tj

Сканировано с CamScanner